## Тақриз

**ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи « “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа**

Бо ба даст овардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи олимони ватанӣ ба мероси маънавии қадимаи халқи тоҷик, ба фарҳанг ва таърихи он ба маврид афзуд. Таҳқиқ ва омӯзиши мероси гузашта имкон медиҳад, аз як ҷониб, аз шоҳкориҳои ақоиди илмӣ-фалсафӣ баҳраманд шуд, аз ҷониби дигар – насли наврасро дар рӯҳи ватандӯстӣ, баланд бардоштани завқи дониши ҷавонон, ташаккули худшиносии миллӣ ва масъулият аз тақдири ватани худ ваояндаи он, тарбият намояд.

Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба таҳлили яке аз масъалаҳои муҳими таърихи фалсафа - таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқӣ бахшида шудааст. Дар илми фалсафа то ба имрӯз танҳо баъзе паҳлӯҳои гуногуни ин масъала мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, таҳқиқи густурдаю ҳамҷонибаи ин мавзӯъ ҳанӯз гузаронида нашудааст. Муаллифи диссертатсия дар асоси манбаъҳо, адабиёти илмӣ ва мақолаҳои дар ин самт таълифгардида ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқиро баррасӣ карда, ва таъсири онро ба осори файласуфони баъдина, чи Шарқу чи Ғарб нишон додааст. “Пас аз истиқлоли кишвар, тибқи ақидаи муаллиф, пажӯҳиши осори ниёгон яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ қарор гирифт, ки дар худшиносии миллии мо нақши муҳим дорад. Дар 70 соли собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ идеологияи марксистӣ бо фарогири тамоми соҳаҳои илм дар омӯзиши таърихи фалсафаи миллӣ бештар масоилеро матраҳ месохт, ки ба талаботи идеологияи он созгор буд. Чунин масъалагузорӣ фаҳмиши яктарафаро ба миён овард ва фарогирии бештари масъалаҳои фалсафиро маҳдуд кард” (саҳ. 3).

Аз таҳлили адабиёти илмии рисола маълум мегардад, ки муаллиф аз қадимтарин сарчашмаҳо, аз осори бузургони аҳди бостон, асрҳои миёна ва замони муосир, ки доир ба таснифоти улуми намояндагони шаҳири машшоияи Шарқӣ бахшида шудааст ва он бо забонҳои форсӣ, арабӣ, русӣ, англисӣ таълиф шудаанд, фаровон истифода намудааст. Аз ҷумла асарҳои қадими ниёкон Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, Ибни Халдун, Абурайҳони Берунӣ ва ғ-ра мебошанд.

**Аз навгониҳои илмие**, ки муаллиф пешниҳод кардааст қабл аз ҳама чанде аз ин нуктаҳоро бояд қайд намуд:

- зимни таҳқиқи осори фарҳангии қадимаи тоҷик, ки омехтаи устура ва таърих аст, аввалин бор ташаккули мафҳумҳо ва таснифу табақабандии илмҳо аз нигоҳи илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст, ки мафҳуму категорияҳо ва таснифоти илмҳо дар заминаи категорияҳои ахлоқӣ ва эҳтиёҷоти амалии инсон ташаккул ёфтаанд. Ин мафҳумҳо ва масъалаҳо бозгӯкунандаи шинохти олам ва камолоти инсонианд, ки минбаъд асоси мавзӯъҳои илмҳои диншиносӣ, инсоншиносӣ, ҷомеашиносию равоншиносӣ гаштанд;

- таҳқиқот муайян кард, ки бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд: яъне бо таъсири фарҳанги юнонию исломӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоиёни шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми нақлию каломӣ;

- пажӯҳиш нишон медиҳад, ки бори аввал мақоми таснифоти илмҳои фалсафаи машшоия дар таснифоти муосири илм нишон дода шудааст.

Яке аз рукнҳои асосии рисола ба таҳлили асосҳои назариявӣ – метологии он равона шудааст. Унвонҷӯ дар рисола аз методи муқоисавӣ – таърихӣ бештар истифода намудааст, ки он имконият дод падидаи мазкурро ҳам аз диди замони гузашта ва ҳам даврони муосир бо истифода аз далелҳои

таърихӣ ва илмӣ – муқоисавӣ сабақҳои онро баррасӣ намояд ва дар пешрафти ҷомеа ва ташаккули ҷаҳонбинии инсон хизмат намояд.

Асосҳои назариявии рисола аз он иборат аст, ки дар он муаллиф кӯшидааст на танҳо таснифоти илмҳои мактаби машшоияро баррасӣ намояд, балки масъалаҳои муҳим ва баҳсноки илмҳои даврони машшоиёнро ҳамаҷониба таҳлил ва таҳқиқ намояд. Мисоли равшани он мақоми илми мантиқ дар фазои фарҳангии Шарқи мусулмонӣ мебошад, ки он фарогири баҳсои доманадор гардид ва ҳамзамон фазои муборизаҳои ғоявии замони машшоияи Шарқиро низ ошкор намуд..

Боби аввали рисола «“**Сарчашмаҳои ғоявӣ ва назариявии таснифи илм дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик”** унвон дорад ва он фарогири се фасл аст. Фасли якуми ин боб «“**Асосҳои методологии назарияи таснифи илмҳо: ҷанбаи таърихӣ ва муосир”**» ном дошта, дар он роҷеъ аз усулҳои диалектикии таснифи илмҳо сухан меравад ва дар ҳалли мушкилоти таснифоти илм ҳамчун методи асосии таҳқиқот хизмат кардааст.

Фасли дуввӯм ва сеюми боби якум ба заминаҳои назариявии таснифоти илм дар фалсафаи қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик бахшида шудааст. Дар асоси таҳқиқотҳои хеш муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки дар фарҳанги бостонии тоҷик илм бо он фаҳмиши имрӯза вуҷуд надоштааст. Дастулҷамъ илмҳои он замонро ба ду бахш тақсим мекунад: “Яке бахши фаҳмиши динӣ ва дигар бахши касбу кор ва таҷрибаҳои рӯзмарра, ки дар бораи тағйироти табиат, табобати тан ва дигар мавзӯоти ҷузъӣ буданд.

Дар маҷмӯъ, он илмҳое, ки дар фарҳанги бостонии тоҷик ташаккул ёфта буданд, илмҳои риёзӣ, ҳунари навиштани арқом, кишоварзӣ, истихроҷ ва коркарди филиз, илмҳои нуҷум, пизишкӣ, муҳандисию меъморӣ ва зуҳури ақидаҳои динӣ ва фалсафӣ мебошанд”(с. 21).

Яке аз сарчашмаҳои муҳими ташаккул ва инкишофи таснифоти илмҳо дар Шарқи мусулмонӣ фалсафаи Юнони Бостон ба шумор меравад, ки он мантиқиёт, табииёт, илоҳиёт ва эҷодиётро дар бар мегирад. Яке аз

авввалин саъю кӯшиши таснифоти илмҳои замони худро дар Шарқи асримиёнагӣ аз ҷониби Ихвон-ус-сафо анҷомида шуд, ки таълимоти худро такя бар осори файласуфони юнонӣ Пифагориён, Афлотуниён ва Ислом эҷод намуданд. Таснифи пешкаш намудаи онон аз чор бахш иборат буд:

1. Рисолаҳои дар таълими риёзиёт (14 рисола).
2. Рисолаҳо дар таълими улуми табиат (17 рисола).
3. Рисолаҳо дар таълими нафсонияи ақлия (10 рисола).
4. Рисолаҳо дар таълими қавонини илоҳӣ ва шариати динӣ.

Боби дуюм “**Назарияи таснифи илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино”** дар рисола ҷои марказиро ишғол менамояд. Дар фасли аввал асосҳои методологии таҳлили назариявии таснифи илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино баррасӣ шудааст.

Гачанде Ибни Сино пайрави Арасту буд, аммо дар бисёр масоили фалсафӣ, аз ҷумла мантиқ, роҳу равиши дигареро интихоб менамояд. Дар таснифи илмҳо Ибни Сино аз методҳои таърихӣ ва ҷадалии Арасту даст кашида, бештар методи таҳлилиро истифода мебарад. Сабаб дар он аст, ки дар замони Ибни Сино ин масоил хеле зиёд баррасӣ шуда буданд, аз ин хотир ӯ аз ин равишҳо чашм пӯшида аст. Методи таҳлил ва тақсим ба Ибни Сино имконият медод, то ки пеши роҳи низоъро гирад ва ба ғалатҳо ва инчунин интизоъӣ (абстрактӣ) шудани баҳсҳо ва мафҳумҳою қазияҳо роҳ надиҳад. Ибни Сино таснифи илмҳоро аз ихтилоф ва муштарокоти илмҳо шуруъ мекунад, зеро ки дар баъзе нуктаҳо илмҳо бо ҳамдигар муштарак буда, дар баъзеи нуктаҳои дигар аз ҳамдигар фарқ доранд.

Дар фасли дуюми боби дуюм таркиби илмҳои назарӣ; а) физика: б) математика; в) мобаъд-ут-табиа” дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино баррасӣ шудааст. Дар ин фасл муаллиф фарқияти таснифоти илмҳои Ибни Сино ва Форобиро муаян намуда, таъкид менамояд, ки дар фаҳмиши Ибни Сино ҳикмат ва илм як маъно доранд, аммо Форобӣ онро аз ҳам ҷудо мекунад. Масалан, Форобӣ дар китоби «Иҳсо– ал - улум» ин илмҳоро дар панҷ бахш медонад, яъне илми мантиқ, илмҳои таълимӣ ва

илмҳои табиӣ дар Форобӣ  илми мустақиланд, аммо дар Ибн Сино ҳамчун улуми назарӣ ба як бахш дохиланд.

Новобаста аз фарқиятҳои ҷойдошта оид ба таснифоти улуми Форобӣ ва Ибни Сино, дар фаҳмиши бунёдии он ҷанбаҳои муштарак ба назар мерасанд. Чунин тарзи тафаккур аз муносибати эҷодкоронаи онҳо дар ҳалли масоили мушкили фалсафӣ дарак медиҳад ва эшонро на чун файласуфони мадрасавӣ, ки пайгири кӯр-кӯронаи фалсафаи Арасту бошанд, балки чун файласуфони навовар ва мӯшикоф шинохт.

Дар фасли сеюми боби дуюм муаллиф ба таҳлили илмҳои амалӣ; а) ахлоқ; б) оиладорӣ; в) шаҳрдорӣ" мепардозад. Аз баррасаҳои муаллиф бармеояд, ки таснифи улуми амалии хешро Ибни Сино дар пайравӣ аз таълимоти "Муаллими сонӣ" эҷод намудааст. Дар ин ҷо ҳам Шайхурраис ба тақлидкорӣ роҳ надода, аз дидгоҳи нав ба илми амалӣ баҳогузорӣ мекунад. Таснифоти худро Ибни Сино аз илми ахлоқ оғоз мекунад ва дар он мақом ва манзалати инсон дар ҷомеа коркард шудааст.

Қисмати дуввуми илми амалӣ ба илми манзилдорӣ бахшида шудааст. Мутафаккир ҳушдор медиҳад, ки идоракунии умури давлатӣ аз сиёсати манзилдорӣ оғоз мегардад, яъне агар зимомдорони замона аз уҳдаи идоракунии оила бароянд, танҳо баъдан бояд ба идоркунии шаҳру вилоят ва давлат ҳуқуқ пайдо намоянд.

Дар қисмати сеюм Ибни Сино оид ба шаҳрдорӣ ё ҳокимияти сиёсӣ ибрози ақида мекунад ва дар он доир ба муносибатҳои иҷтимоии мардум, риояи қонун ва асосҳои ҳуқуқии ононро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Аз ин баррасиҳо муаллиф ба хулоса меояд, ки "Мадинаи одилаи Ибни Сино низоми воқеияти иҷтимоӣ аст, на ҳамчун мадинаи фозилае, ки Абунасри Форобӣ тасвир кардааст. Мадинаи фозилаи Абунасри Форобӣ ба қонуниятҳои ҳаёти воқеияти иҷтимоӣ созгор нест, зеро як орзуи дастнорас ва хаёлӣ аст, ки нафси инсониро шомил нест" (с. 218).

Боби сеюм ба **"Аҳаммияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар ташаккули  минбаъдаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик"** бахшида

шудааст.

Фасли аввали боби сеюм аз муносибати Муҳаммади Ғаззолӣ ба назарияи таснифоти илм шурӯъ мешавад.

Фасли дуюми боби сеюм “Таъсири назариявии таснифи илмҳои машшоияи шарқӣ ба рушди таълимоти таснифи илм дар таърихи фалсафаи тоҷик” ба файласуфони шинохтаи тоҷик, ба мисли, Насириддини Тӯсӣ, Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, Ибни Халдун бахшида шудааст.

Дар ин фасл муаллиф дар чорчӯбаи таснифи улум масоили муҳиме, аз қабили қафомондагии тараққиёти мардуми Шарқ ва сабабҳои онро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ӯ аз ҷумла қайд менамояд, ки “Гарчанде фалсафаи Юнон татбиқи амалии худро пайдо кард, аммо фалсафаи асримиёнагӣ ҳеҷ гоҳ натавонист афкори куллӣ ва мафҳумҳои фалсафиро ҳатто дар табииёт мавриди баҳрабардории амалӣ қарор диҳад ва илмҳои назарии фалсафии он маҳдуд ба шинохти Худо ва табиат дар фаҳмиши метафизикӣ боқӣ монда, густариш наёфт” (с. 31). Баъд аз фишорҳои идеоложии Ғазолӣ ба фалсафаи машшоиён, аввалин касе буд, ки анъанаҳои фалсафӣ-илмии Форобӣ ва Ибни Синоро, аз ҷумла таснифоти улумро дифоъ ва идома бахшид, Насириддини Тӯсӣ буд.

Яке аз маъруфтарин таснифи илмҳоро дар заминаи мактаби машшоияи Шарқӣ олими асри 17 Тош Кабирзода дар китоби худ «Мифтоҳ-ас-саодат» пешкаш менамояд. Эшон илмҳои замонаашро ба чунин тарз табақабандӣ менамояд:

1. Улуми хаттӣ.
2. Улуми мутааллиқ ба алфоз, ки бар ду қисм аст:

а) Илме, ки фикрро аз хато дар интисоб маҳфуз медорад, мантиқ аст.

б) Улуме, ки инсонро аз хато дар мунозира ва дарс боз медорад, ки тақсим ба илми одоби дарс, илми назар, илми ҷадал ва илми хилоф аст.

3. Илми мутааллиқ ба аъён:

а) Илми илоҳие, ки иборат аст аз маърифати нуфуси инсонӣ, илми маърифати одоби маъод, илми иморати нубувват, илми мақолоти фирақ

ва илми тақосими улум.

б) Илми табиие, ки иборат аст аз: илми тиб, илми байтара, илми бизра (аҳволи ҷаворехи бадан), илми наботот, илми ҳайвон, илми фалоҳат (деҳқонӣ), илми маодин, илми ҷавоҳир, илми кавну фасод, илми қавсу қазаҳ (тирукамон), илми фаросат, илми таъбири руъё, илми аҳкоми нуҷум, илми сеҳр, илми тилисмот, илми симиё (заҳрҳо), илми кимиё (с. 261).

Ғайр аз он дар рисола муаллиф таснифоти илмҳо, ки аз ҷониби олимон ва мутафаккирони варзида, чун Ибн Халдун, Закариёи Розӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Исҳоқ ибни Надим таълиф шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкур дар он аст, ки мавзӯи таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқӣ аз нигоҳи имрӯза ба муҳаққиқони таърихи фалсафаи халқи тоҷик кӯмак мекунад, ки ба ҷараёнҳои динӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва фалсафии асри миёнагӣ ба таври густурдатар ва амиқтар ошноӣ пайдо кунанд. Ғайр аз он рисолаи мазкур барои тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар рӯҳи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ аз фарҳанг ва тамадуни халқҳои форсу тоҷик, пос доштани хотираи таърихӣ, беҳтарин анҳанаҳои миллӣ ва расму оинҳои ниёкон хизмати арзандае хоҳад намуд.

Аз ин ҷо хулоса намуд, ки максад ва вазифахои дар назди рисола гузошташуда бомувафакият ҳал карда шуда, хулосаҳои он бо далелҳои мӯътамад ҳаллу фасл шудаанд.. Тартибу низоми рисола ба талаботи илмӣ мутобиқ буда, матни он бо забони шевои илми-фалсафӣ ва адабии точикӣ ифода ёфтааст.

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф мӯҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд.

Дар рисола баъзе афкори баҳсноке ба назар мерасанд, ва ишораҳои зерин ҳамчун пешниҳод қабул карда шавад:

1. Дар фалсафаи амалии Ибни Сино инсон дар таснифоти улум мақом ва манзалати баландро ишғол менамояд, вале симои ӯ бештар дар асоси фазилатҳои исломӣ тасвир ёфтаанд. Чунин тарзи ифода аз ҳақиқат дур нест. Ҳамзамон дар осори Ибни Сино таъсири фалсафаи амалии Арасту низ ба чашм мерасад. Тавре ки маълум аст, Арасту фазилатҳои ахлоқиро ба ду намуд қисмат мекунад: фазилатҳои дианоэтикӣ (ақлӣ) ва ахлоқӣ. Дар "Рисолаи андар ахлоқ" Ибни Сино усули ахлоқии устодашро истифода мебарад ва дар чорчӯбаи он моҳияти ахлоқии инсонро баррасӣ менамояд. Бинобар ин симои инсон дар осори Ибни Сино дорои ҳам хислатҳои шариатии исломӣ ва ҳам бо аломатҳои юнонӣ тасвир шудаанд.
2. Дар маркази таълимоти ахлоқии Арасту ва Ибни Сино идеяи "Ҳадди авсат"("миёнаи тиллоӣ") қарор дорад ва тамоми фазилатҳои ахлоқӣ дар чавкоти ин мафкура шарҳу эзоҳ шудаанд. Дар рисола ин усул сарфи назар шудааст.

Номгузории фасли 2-м ("Сарчашмаҳои назариявии таснифи илм дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна") ва фасли сеюми боби 1-м ("Сарчашмаҳои назариявии таснифи илм дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна") мантиқан пасопеш омадаанд. Ғайр аз он ин ду фасл мазмунан ба ҳам қаробат доранд.

3. Хуб мешуд агар зимни ташреҳи навъҳои ақл ба нақши "Ақли фаъол" аҳамияти махсус дода мешуд, зеро он дар силсилаи маротиби ҳастӣ дар пайдоиши нафси инсонӣ ва намудҳои нуфуси ақлӣ дар осори Ибни Сино нақши муҳим мебозад.

4. Барои беҳтар кардани таснифоти улуми файласуфони варзида, аз ҷумла, Ибни Сино, хуб мешуд агар табақабандии илмҳоро (ҳамчун замима) дар шакли ҷадвал тасвир мешуд. Дар ин ҳолат хонанда имкони беҳтар огаҳӣ ёфтан ва асхуд кардани маводи мазкур ноил мегардид.

5. Дар рисола баъзе хатоҳои техникӣ ва калимаҳои тасодуфиро дучор меоем, аз ҷумла, дар автореферат омадааст, ки "мадинаи фозилаи Ибни Сино". Дар асл он ба Форобӣ нисбат дода мешавад. Ибни Сино "Мадинаи одила"-ро

мепазируфт.

Ҳамин тавр ишораҳои номбурда арзиши илмии рисоларо паст намекунанд ва диссертатсияи **Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** дар мавзӯи **“Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни Шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо »** ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси **09.00.03. – таърихи фалсафа** мебошад.

**Мукарризи расмӣ:**
доктори илмхои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
ДТТ ба номи М. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**

**Реквизитҳо:**
Индекс: 734012, Чумхурии Точикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, хиёбони
Айнӣ – 23/16, утоқи 22.
Телефони мобилӣ: 918827393

**Имзои доктори илмхои фалсафа,**
**профессор Раҳимовро тасдиқ менамоям**

Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Шарипова Д. А.
734025, Чумхурии Точикистон
ш. Душанбе, хиёбони Раҷабовҳо 10.
Донишгохи техникии Тоҷикистон